«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ҷ.Б.____________
аз «17» ______________2025 с.

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи "Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси романи "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)" барои дарёфти дарҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Давлатова Моҳшариф Олимовна докторанти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума ба шумор мерафт.

Давлатова Моҳшариф Олимовна соли 2010 ба факултети забонҳои романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳозира Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода) дохил шуда, соли 2014 онро аз рӯйи ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм намудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил соли 2014 ба шуъбаи магистратураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дохил шуда, зинаи мазкурро соли 2016 аз рӯйи ихтисоси муаллими забони англисӣ хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таҳти №125-4д, аз 04.09.2017 ба ҳайси докторант дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадиаш дар Шурои олимони Донишкада 25-уми октябри соли 2018, таҳти №3/ 4-3 тасдиқ гардидааст.

Мавриди зикр аст, ки дар ҷаласаи муҳокимаи ниҳоии диссертатсия дар кафедра истилоҳи "роман" дар номи мавзуъ ба вожаи "асар" иваз карда шуда, дар марҳилаҳои минбаъда чунин пешниҳод карда шуд: "Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)".

Роҳбари илмӣ Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои ҷорӣ ва имтиҳони маҷмуии докторант соли 2024, №3/861 аз ҷониби Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Диссертатсияи Давлатова М.О. дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума аз 14-уми феврали соли 2025, таҳти №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия гардидааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи "Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)" чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос бо номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба рамзи ихтисоси тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат мекунад.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Мавзуи диссертатсия ба "Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни забоншиносии муқоисавӣ ва фарҳангию маърифатӣ, грамматикаи муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ метавон такя кард. Маводди илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ, махсусан, роҷеъ ба бартараф намудани тағйироти куллӣ дар ҷумлаи матни тарҷумавӣ аз як забон ба забони дигар, ҳамзамон, дар назария ва амалияи омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ метавонад мусоидат намояд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқ барои мутахассисони соҳаи тарҷума дастури амалӣ ба ҳисоб мераванд. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ, хатоҳо дар раванди интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил ва роҳҳои бартараф намудани онҳо, ки дар диссертатсияи мазкур нишон дода шудааст, роҳнамо барои тарҷумонони минбаъда мегардад.

Инчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия метавонанд, ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо ва тарҷумашиносӣ, ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ оид ба мавзуи тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин, ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо, конференсия ва семинарҳои ҳамасолаи илмиву назарявии ҳайати профессорон ва устодони кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳаҷми диссертатсия, коркарди нуктаҳои асосии таҳқиқ дар шакли мақолаҳои илмӣ ва натиҷагириву хулосабарориҳое, ки дар заминаи сарчашмаҳои таҳқиқшуда муаян карда шудаанд, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро собит менамоянд. Мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар диссертатсия типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте мавриди таҳқиқи махсус қарор гирифта, дар он камбудиҳои тарҷумонӣ ҳангоми интиқоли воҳидҳои луғавии муодил ва бемуодил дар матнҳои бадеии забонҳои мавриди назар баррасӣ гардидааст. Маводди назариявӣ ва амалии ҷамъоваринамудаи муаллиф хеле боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик саҳми арзанда мегузоранд.

Диссертатсияи Давлатова М.О. дар мавзуи "Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)" ба ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) пурра мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 –

Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мутобиқат менамояд:

- Бандҳои 31-35-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”-и Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 10 фасл, 13 зерфасл, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Вобаста ба мазмун ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда интишор гардидаанд, ки ҳаҷми умумии онҳо 2,56 ҷузъи чопиро ташкил медиҳанд.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мазмуни диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

1. Давлатова М.О. Принсипҳои асосии номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар матнҳои аслӣ ва тарҷума (дар мисоли асари “Ҷен Эйр”-и Ш.Бронте) / М.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. - №4 (52). – С. 48-53.

2. Давлатова М.О. Муайян намудани меъёрҳои мутобиқатӣ ва номутобиқатӣ дар тарҷумаи асарҳои бадеӣ (дар мисоли асари “Ҷен Эйр”-и Ш. Бронте) / М.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 63-68.

3. Соҳибназарова Ҳ.Т., Давлатова М.О. Баррасии таҳвилоти тарҷумонӣ ҳамчун омили номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ ва мушкилоти он дар тарҷумаи бадеӣ / Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.О. Давлатова // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – № 2(54). – С. 89-95.

II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:

4. Давлатова М.О. Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавии бемуодил (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ) / М.О. Давлатова // Маводди конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Ташаккул ва рушди тарҷумашиносӣ дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ". –Душанбе, 2021. – С. 169-181.

5. Давлатова М.О. Номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ / М.О. Давлатова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назарявӣ дар мавзуи "Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ". – Хуҷанд, 2024. – С. 52-58.

6. Давлатова М.О. Номувофиқатӣ дар тарҷумаи воҳидҳои луғавии муодил дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ / М.О. Давлатова // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи "тарҷуманопазирӣ"". – Душанбе, 2024. – С. 260-267.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи "Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ–таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Давлатова Моҳшариф Олимовна дар мавзуи "Типологияи номувофиқатии воҳидҳои луғавӣ дар тарҷумаи забонҳои англисӣ-русӣ-тоҷикӣ (дар асоси асари "Ҷен Эйр"-и Ш. Бронте)", аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума аз 14.02.2025, №7 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 8 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” - 8 нафар, “зид” – нест, “бетараф” - нест.

Раиси ҷаласа:
профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ
ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
доктори илмҳои филологӣ Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич

Котиби ҷаласа:
ассистенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ
ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Исматиллоева Дилафрӯз Ҳабибовна

Имзоҳои Ф.М. Турсунов ва Д.Ҳ. Исматиллоеваро
тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС